Омӯзиши Библия барои Шогирдон – 4

МАРҲАЛАИ ЯКУМ (МАСЕҲӢ БУДАН)

# СУУДИ ИСО ВА ҲАЁТ ДАР УМЕДИ ОСМОНҲО

Порча аз Библия: Ибриён 12:1-17, 13:1-5
Оят барои аз ёд кардан: Ибриён 12:1-2а

## САРСУХАН

Ибриён 11-ро "Боби Имон" меноманд. Ин сабти мисолҳои бузурги имон мебошад. Одамони зиёде ба Худо ва ваъдаи Ӯ имон доштанд, ба Ӯ итоат мекарданд, ва баракат дода шуданд. Онҳо бо ҷаҳон мусолиҳа накарданд. Баъзе аз онҳо азобу шиканҷа дода шуданд, баъзеи дигарон ҳақоратҳо, тозиёнаҳо, зиндонро аз сар гузаронданд, онҳо сангсор шуданд, бо арра дупора гардиданд, аз дами шамшер мурданд. Чаро онҳо ба ҳамаи ин ранҷу мусибат тоб оварданд? Чунки онҳо хоҳиш доштанд ба эҳёи беҳтаре ноил гарданд (Ибриён 11:35-37).

Оммаи бузурги шоҳидон, ки пойчаи имонашонро ба итмом расониданд, моро иҳота кардаанд ва моро тамошо карда истодаанд. Гӯё ки тамошобинон офаринҳо гуфта истодаанд ва варзишгарон дар майдони бозӣ ҳастанд. Мо пойчаеро давида истодаем, ки онҳо аллакай давиданд. Мо сӯи он равонаем, ки онҳо аллакай расиданд.

Мақсади ин пойча чист? Ин Ерусалими Осмонӣ, мебошад, ҷое, ки Исои суудкарда мебошад. Исо, ки офаридгор ва комилкунандаи имон аст, мурд, эҳё шуд, ба осмон сууд кард ва дар тарафи дасти рости Худо нишаст (Ибриён 12:12). Умеди ҳар масеҳӣ он ҳаст, ки Исоро бинад. (Ибриён 12:14). Онҳое, ки ин умеди дидани Исоро доранд чӣ хел бояд пойгаи имонро даванд?

## АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ПОРЧА

1. ҲАЁТЕ, КИ ДАР ПАЙРАВИИ ҲАЁТИ ИСОИ СУУДШУДА (12:1-3)

Дар ин порча тасвири қалбҳои гумшуда, хуни рехта, интизом ва ғаму ғӯсса омадааст. Вақте ки Масеҳиён бо чунин мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешаванд, бо ҷустани умеди дидани Исо, онҳо чӣ хел бояд зиндагӣ кунанд?

1) Муаллифи Ибриён чунин тасвир мекунад "Майдони дар пеши мо бударо бо сабр давон-давон тай кунем". Се талаботҳои тай кардани ин майдон кадомҳоянд? (1-3).

а. (1а)

б. (1б)

в. (2а)

Калимаи юнонӣ барои "сабр" аз ду калима "зер" ва "мондан" иборат мебошад. "сабр кардан" маънои аз болои одамон буданро надорад. Ин маънои зери одамон буданро дорад ҳатто агар онҳо нисбат ба шумо бадрафторӣ кунанд. Калимаи юнонӣ барои "назар дӯхтан" ин калимаи таркибиест, ки аз ду калима – "аз" ва "нигоҳ кардан" иборат аст. Ин маънои онро дорад, ки чашмҳои худро аз ҳама чизҳои дигар дур карда фақат ба як чиз нигоҳ кунед.

Агар шумо мехоҳед, ки майдони дар пеш бударо давон-давон тай кунед, зери одамон бошед. Агар онҳо нисбати шумо бадрафторӣ кунанд ва шумо дардро ҳис кунед, чашмонатонро аз ҳама чизи дигар гардонед, ва танҳо ба Исо нигоҳ карда майдонро тай кунед.

2) Кадом корҳоро шумо бояд дар хотир дошта бошед. Вақте ки шуморо мазаммат мекунанд? (4-11)

а. (4)

б. (5-8)

в. (9)

г. (10)

е. (11)

3) Кадом корҳои дигарро шумо бояд дар хотир дошта бошед. Вақте ки шуморо мазаммат мекунанд?

а. (5)

б. (7)

в. (13)

2. ҲАЁТИ ОНҲОЕ, КИ УМЕДИ ДИДАНИ ИСОРО ДОРАНД (12:14-17, 13:1-3).

1) Агар одамон мехоҳанд Худовандро бинанд онҳо бояд чӣ хел зиндагӣ кунанд? (14)

2) Агар шумо мехоҳед , ки Худовандро бинед, шумо бояд ба ин чунон нигоҳ кунед, ки як хел одамон бояд вуҷуд надошта бошанд. Кадом хел одамон? ( 15- 16)

а. (15)

б. (15 б)

с. (16 а)

д. (16 б)

3. Пандҳо ва огоҳиҳо баъд аз гуфтаҳо оиди бародардӯстӣ, муқаддасшавӣ, фосиқӣ ва хӯрок ки барои он Эсов нахустзодагии худро фурӯхт, омадааст. Ин пандҳову огоҳиҳо кадомҳоянд?

а. (1-2)

б. ( 3 )

в. (4 )

г. (5 )

ТАФСИР ВА ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ

1. Вақте ки варзишгарон ҳангоми давидан чизҳои вазнинро мебардоранд ба онҳо чӣ рӯй медиҳад? Кадом чизҳои вазнинро шумо бояд аз китфи худ дур кунед, вақте ки шумо майдони имони дар пеши шумо бударо давон- давон тай мекунед.

2. Маънои “Агар шумо ба ҷазо тоб оваред” (12:7) чист? Вақте ки одамон бо душворӣ рӯ ба рӯ мешаванд ҳолати онҳо чӣ хел мешавад? Агар шумо мехоҳед, ки душвориатонро ба ҷазо табдил диҳед, ва на ин ки бо тозиёна тамом кунед, шумо бояд чӣ кор кунед?

3. Хусусияти “решаи талх” ин сабаби нооромиҳо ва олудагиҳои одамон мебошад. Ин решаи талх чӣ маънӣ дорад? Решаи талхе, ки шуморо зарур аст, онро аз ҳаёти худ ё гурӯҳатон барканед, кадом аст!

4. Барои он ки шумо одами фосиқ, ва ғуломи пул нашавед шумо бояд чӣ кор кунед?

ХУЛОСА
Акнун, ки шумо ин марҳиларо хондед, хулосаҳои шумо кадомҳоянд? Онҳоро дар зер нависед.

1.

2.

3.

МАРҲАЛАИ ДУЮМ (ШОГИРДӢ)

## ШОГИРДОНЕ, КИ БАРОДАРОНРО ДӮСТ МЕДОРАНД

Порча аз Библия: Матто 18

Оят барои аз ёд кардан: Матто 18:21-22

САРСУХАН

Шогирдони Исоро зарур аст, ки дар Масеҳ бимонанд, ки Ӯ токи ҳақиқист. Онҳое ки дар Исо мондаанд, дар дунё бо корҳои хубашон ба мисли нур тобон ҳастанд. Одамони дунё ба амалҳои хуби шогирдони Исо нигоҳ карда, ба Падари мо, ки дар осмон ҳаст ҷалол медиҳанд. Онҳо аз Исо вобастагӣ доранд ва ҳатто он вақте ки дар ин ҷаҳон ба таъқибот дучор мешаванд, аз истироҳат баҳравар ҳастанд.

Шогирдони Масеҳ бо бародарони дигари ҷамъоати масеҳӣ чӣ хел муносибат бояд дошта бошанд? Бо шогирдони дигари калисо чӣ хел муносибат бояд дошта бошанд? Бисёр Масеҳиён аз муносибат бо одамони дунё дида бо масеҳиёни дигари калисояшон душворӣ доранд. Чун онҳо вақти бисёрero бо ҳам мегузаронанд онҳо ҳамдигарро озор медиҳанд. Шогирдони Исо нисбати берун аз калисояшон дар даруни калисояшон мушкилиҳои зиёдтаре доранд.

Исо ба шогирдонаш гуфт, ки гуноҳи бародаронро ҳафтод карат ҳафт бор авф намояд. Ин маънои чорсад карат навад борро надорад. Ин маънои ҳисоби беохирро дорад. Шумо бояд дигаронро бемаҳдуд авф

намоед. Баъзе вақтҳо мо дигаронро меранҷонем ва моро ҳам меранҷонанд. Вақте ки шуморо меранҷонанд ва вақте ки шумо касеро меранҷонед, шумо бояд чӣ кор кунед?

АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ПОРЧА

1. БУЗУРГТАРИН ДАР МАЛАКУТИ ОСМОН (18:1-14).

1) Саволе, ки шогирдон бардоштанд кадом аст? Мақсади онҳо чӣ аст? (1)

2) Ҷавоби Исо чист? (2-14)

а. (2-3)

б. (4)

в. (5)

г. (6-10)

д. (12-14)

Калимаи юнонӣ барои “лағжидан” “skandalizw” мебошад (6, 8). Ин ба гуноҳ кардан ва гумроҳ шудани одамон нисбат дода мешавад. Ин калима дар мавриди огоҳии Исо муқобили ситоишкунии “кӣ бузургтарин” омадааст. Вақте ки одами ҳавобаланд нисбати дигарон нафрат дорад, то ин ки онҳо гуноҳ кунанд ва пешпо хуранд, ин “лағжидан” аст. Аз калимаи “ skandalizw” калимаи ““ skandal” бармеояд. Ин “овозаи нохуб” аст. Мусобиқаи “ ки бузургтар” амали нохубест, ки аз он одамон пешпо мехӯранд, ва он сабаби он мешавад, ки овозаҳои нохуб ҳама ҷо паҳн мешаванд.

2. РОҲҲОИ МУНОСИБАТ БА БАРОДАРОНИ ГУНОҲКОР ( 18:15-20).

1) Барои кадом вазъият ин дарс дода шудааст? (15а)

2) Кадом зинаҳоро шумо метавонед тай кунед, то ин ки бародарони гуноҳкорро панд диҳед? (15-17) Ба фикри шумо чаро ин зинаҳо зарур ҳастанд?

3) Ваъдаи Исо чист? Чаро Исо ин ваъдаро дод? (18-20)

3. РОҲҲОИ МУНОСИБАТ БО БАРОДАРОНИ РАНҷОНДА (18:21-35)

1) Саволи Петрус чӣ буд? Чаро ӯ чунин савол дод? (21)

2) Ҷавоби Исо чӣ буд? (22)

3) Хулосаи масали Исоро гӯед. Аз ин масал кадом дарс бармеояд?

а. Хоҷа ва ғулом, ки ба аз ӯ даххазор талант қарздор буд (23-27):

б. ғуломи авфшуда ва ғуломи дигар, ки аз ӯ сад динор қарздор буд (28-30):

в. ғуломи авфшуда, рафиқони ӯ ва оғо (31-34):

г. Дарс (35):

## ТАФСИР ВА ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ

1. Дар кадом ҳолатҳои даст, по ё чашм сабаби пешпо хӯрдани касе мешаванд? Кадом қисмҳои ҷисматонро ба шумо зарур аст, ки бурида партоед?

2. Кадом кӯдакони хурдсол ба малакути осмонӣ дохил мешаванд? Чӣ хел шумо метавонед ба монанди кӯдаки хурдсол шавед?

3. Кадомаш арзандатар аст, як гӯсфанди гумшуда ё наваду нӯҳ гӯсфанд? Чаро чӯпон ба ҷои наваду нӯҳ гӯсфанд як гӯсфандро интихоб кард? Бо ин як гӯсфанди гумшуда киро нишон додаанд? Аз ин оиди табиати Худо шумо чиро меомӯзед?

4. Бо кадом сабаб ғуломе, ки оғояш ба ӯ қарзи даҳ ҳазор талантро авф карда буд, натавонист ғуломи дигарро, ки аз ӯ танҳо сад динор қарздор буд, бахшад? Барои аз таҳти дил бахшидани он кас, ки шуморо ранҷонд, ба шумо чӣ зарур аст?

5. Маҳбас ва шиканҷакунанда чӣ маънӣ доранд? Оё шумо таҷрибаи дар дасти шиканҷадиҳанда буданро доред? Шумо аз маҳбас чӣ хел халос шудед?

**ХУЛОСА**

Акнун, ки шумо ин марҳиларо хондед, хулосаҳои шумо кадомҳоянд? Онҳоро дар зер нависед.

1.

2.

3.

МАРҲАЛАИ СЕЮМ ( МЕВАИ РӯҳУЛқУДС)

**МЕВАИ ЗОҲИРИИ РӮҲУЛҚУДС- ШАҲОДАТ**

Порча аз Библия: 1 Қӯринтиён 2:1-3:9

Оят барои аз ёд кардан: 1 Қӯринтиён 2:13

САРСУХАН

Қӯринтус бандари Юнон буд. қисмати шимол ва ҷануби шаҳр бо замин пайваста аст ва қисмати шарқӣ ва ғарбии он ба баҳр пайваст аст. Чун ин шаҳр барои нақлиёт нуқтаи стратегӣ буд, дар он ҷо тиҷорат равнақ ёфта буд. Дар ин шаҳри тиҷоратӣ бисёр баҳрнавардон ва савдогарон буданд.

Ба мисли имрӯзҳо, дар он вақт низ вазъияти ахлоқии шаҳри тиҷоратӣ он қадар хуб набуд. Калимаи юнонии “korinthiazomai” - “қӯринтиазомай” маънои “ба мисли Қӯринтиён амал кардан” мебошад, ки ҳамчун “ зинокорӣ кардан” фаҳмида мешавад. Чун шаҳр инкишофёфта буд системаи маориф низ рушд ёфта буд ва он ҷо бисёр юнониҳо ба фалсафа майл доштанд. қӯринтус шаҳри фосиду бадахлоқ ва шаҳри файласуфон буд, ки дониш ва ҳикмати инсоният худситоӣ мекунанд.

Павлус дар ҳамин шаҳр Исоро шаҳодат медод.

АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ПОРЧА

1. РОҲИ ШАҲОДАТИ ПАВЛУС (2:1-5)

1) Павлус чӣ хел шаҳодат медод? (1-4)

а. (1)

б. (2)

с. (3-4)

2) Бо кадом сабаб Павлус ба мисли он ки дар тасвири боло омадааст шаҳодат дод? (5)

2. ҲИКМАТИ ХУДО ВА РӮҲУЛҚУДС (2:6-16)

Павлус бо қудрати сухангӯи ва ҳикмат мавъиза накард. Вале бо вуҷуди ин ӯ на ҳикматро инкор кард ва на ба фаросат муқобил мебаромад. Ӯ танҳо инҷилро мувофиқи ҳикмати Худо мавъиза мекард.

1) Дар бобати ҳикмати Худо чӣ таълим дода шудааст? (6-9)

а. (1)

б. (7)

с. (8-9)

2) Дар бобати Рӯҳулқудс чӣ таълим дода шудааст? Рӯҳулқудс чӣ кор кард, то ин ки мавъизакунандаҳо тавонанд асрорҳои пӯшидаро таълим диҳанд, ки он ҳикмати Худо барои ҷалоли мо мебошад? (10-16)

(а). (10а)

(б). (10b-11)

(в). (12-13)

(г). (14-16)

3. ҲОЛАТИ БОЯДУ ШОЯДИ ШАҲОДАТ (3:1-9)

Тавассути Рӯҳулқудс ҳикмати Худо маълум мешавад. Одамон наметавонанд, ки инҷилро бо ҳикмати одам ё қудрати сухан мавъиза

кунанд. Танҳо ба васила Рӯҳулқудс одамон метавонанд ҳикмати Худоро дарк намоянд. ҳолати бояду шояди шаҳодат чист?

1) Аъзоёни калисои Қӯринтиёнро, ки Павлус ба онҳо шаҳодат дода буд тасвир кунед?(1-4)

   (а). (1-2)

   (б). (3-4)

2) Дар бобати бояду шояди рӯҳониён чӣ омӯзонда шавад?(5-9)

   а. (5)

   б.(6-7)

   в. (8)

   г. (9)

ТАФСИР ВА ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ

1. Павлус ба масеҳиёни Қӯринтиён гуфт, ки онҳо ба ҷузъ "Исои Масеҳ, он ҳам Исои Масеҳи маслубшуда чизе напазироянд".________________________________________

(1) Паёми мавъизаи Павлус; (2) ҳаёти Павлус; (3) ҳаёти аъзоёни калисои Қӯринтиён.

2. Чаро инҷилро бо қувват ва ҳикмат мавъиза кардан мушкил аст?

3. Дар давраи Павлус, файласуфоне буданд ва чунин таълим медоданд, ки рӯҳ хуб аст ва ҷисм шарир аст. Ин табиати таълимоти дуалистӣ аст, ки рӯҳро аз ҷисм ҷудо мекунад. Одамоне, ки ба ин фалсафа саргарм буданд, боварӣ доштанд, ки ҷисм шарир аст. Онҳо ё ба ҷисмашон ранҷ меоранд ё гӯшанишиниро (аскетизм) ихтиёр мекунанд. Баъзеҳо чунин эътиқод доштанд, ки танҳо рӯҳ наҷот меёбад. Ва онҳо чунин андеша доштанд, ки ҷисм муҳим нест ва майлу хоҳиши

ҷисмашонро ба ҷо меоранд. Кадом навъи дуализмро шумо дар мамолики худ доред? Оё “Исо ва Исои Маслубшуда” инро ҳал карда метавонад?

4. ҷудошавии калисои қӯринтӯс аз он ки Худо ба одам чӣ кардааст асл мегирад. (3:3-4) Оё дар калисо ягон низою ҷанҷол аст? Сабабаш чист? Онро чӣ хел метавон ҳал кард?

5. Шаҳодатдиҳанда метавонад инҷилро мавъиза кунад вале меваи каме гирад. Дар чунин ҳолат, шаҳодатдиҳанда чиро бояд аз назар гузаронад? Оё ӯ барои рӯҳҳое, ки ба Исо имон надоранд масъулиятнок аст?

ХУЛОСА
Акнун, ки шумо ин марҳиларо хондед, хулосаҳои шумо кадомҳоянд? Онҳоро дар зер нависед.

1.

2.

3.

МАРҲАЛАИ ЧОРУМ (КАЛИСОИ МАСЕҲ)

**КАЛИСО- МУБОРИЗИ МУҲОРИБАИ РӮҲОНӢ**

Порча аз Библия: Эфсӯсиён 6:10-22

Оят барои аз ёд кардан: Эфсӯсиён 6:10-11

САРСУХАН
Павлусро барои шаҳодат доданаш зиндонӣ карданд. Ӯро дар хонааш зери назорати аскарони Рум буд. Бар тибқи файзи Худо, одамон пеши ӯ меомаданд ва ӯ қобил буд ба онҳо инҷилро дар хонааш мавъиза кунад. ӯ худро ҳамчун “сафир дар занҷир” тасвир мекард.

Ҷисми ӯ дар занҷир буд вале ӯ сафири Масеҳ буд, то ин ки Башоратро мавъиза кунад.

Павлус мавъиза мекард,  ки “масти шароб нашавед, ки аз он фисқу фуҷур ба амал меояд: балки аз Рӯҳ пур шавед”  (Эфсӯсиён 5:18). Ӯ таълим медод, ки чӣ хел ҳаёти аз Рӯҳ пур дар калисо, ҷамъият ва дар хона ифода шавад (Эфсӯсиён 5:15-6:9). Ӯ медонист, ки ин намуди ҳаёт муҳорибаҳои рӯҳонӣ мебошанд, ки ҳар масеҳӣ бояд мубориза барад.

Павлус ба либосу лавозимоти аскарони Рум, ки ӯро назорат мекунанд чашм дӯхт. Ӯ дарк кард, ки ба аскарон барои мубориза яроқ лозим аст, пас ба масеҳиён барои муборизаи рӯҳонӣ бурдан яроқи рӯҳонӣ зарур аст. Аз сабаби он ки душманон махлуқони рӯҳонии шарир ҳастанд, яроқҳо бояд яроқҳои рӯҳонӣ аз тарафи Худо бошанд, то ин ки тамоми ҷисмро ҳимоя кунад. Шумо чӣ хел бо яроқҳои рӯҳонӣ мусаллаҳ ҳастед?

АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ПОРЧА

1. ТАЙЁРӢ БА МУҲОРИБАИ РӮҲОНӢ (6:10-13)

1) Ду фармон барои муҳорибаи рӯҳонӣ кадомҳоянд?

а. (10)

б. (11)

2) Сабаби дар бар кардани зиреҳи кулии Худо чист?

а. (11)

б. (12)

в. (13)

Агар муборизаи мо муқобили махлуқони шарири рӯҳонӣ аст, кӣ дар ин мубориза ғолиб мебарояд? ҳилаю фиреби иблис шарорату бадкорист. ҳеҷ кас наметавонад дар ин мубориза ғолиб ояд агар мо танҳо мубориза барем. Зеро ӯ, ки дар шумост, аз он ки дар ҷаҳон аст, бузургтар ҳаст (1 Юҳанно 4:4). Агар мо ба ӯ имкон диҳем, ки

ҳамроҳи мо мубориза барад ғолибият насиби мост. Аз Рӯҳулқудс вобастагӣ дошта бошед. Дар қудрати ӯ нерӯманд бошед. Зиреҳеро, ки Худо додааст ба кор баред. Муҳорибаи рӯҳониро ба фоидаи худ анҷом диҳед.

2. ҚИСМҲОИ ЗИРЕҲИ КУЛЛИИ ХУДО (6:14-17).

1) Камарбанди ҳақиқат (14)

2) Ҷавшани адолат (14)

3) Пойафзоли омодагӣ барои башорати осоиштагӣ (15)

4) Сипари имон (16)

5) Худи (кӯлоҳи) наҷот (17)

6) Шамшери Рӯҳ, ки каломи Худост (17)

"Адолат" мафҳуми нисбӣ дорад. Агар касе вазифаи худро нисбати дигарон ва Худо иҷро мекунад, ӯ одами одил аст. Одами тавоно вазифаи кӯмак ба одами нотавон дорад. Агар ӯ ин вазифаашро иҷро кунад ӯ одами одил аст. Инсон дар муносибаташ ба Худо, масъулияти хизмат кардан ба ӯ ва гуноҳ накарданро дорад. Бинобар ин бегуноҳ одил аст. Вале, ҳама гуноҳ кардаанд, пас ҳеҷ каси одил нест. Гуноҳкороне, ки ба Исо имон меоранд, гуноҳашон бахшида мешавад ва онҳо одил мешаванд.

3. МУҲОРИБАИ РӮҲОНӢ ВА ДУО, БАРОДАРДӮСТӢ (6:18-22).

1) Павлус дар бораи дуо чӣ таълим медиҳад? (18)

2) Павлус дар кадом ҳолат буд? Барои чӣ ӯ илтимос карда истодааст? (19-20)

3) Баъд Павлус чӣ кор кард? Аз ин шумо чӣ сабақ мегиред? (21-22)
ТАФСИР ВА ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ

1. Муҳорибаи мо муқобили махлуқҳои рӯҳонӣ мебошад. Оне ки дар ботини мо аст аз оне, ки дар ҷаҳон аст бузургтар аст. Дар чунин ҳолати мо бояд дар муҳорибаи рӯҳонӣ ғолиб оем?

2. Дар муҳорибаи рӯҳонӣ ғолиб баромадан шуморо зарур аст, ки дар Исо боқувват бошед? Чӣ хел шумо метавонед дар қудрати ӯ тавоно бошад? ( 1 Юҳанно 4:4, 5:4).

3. Дар баробари зиреҳи кулии Худо шумо кадом яроқи муҳофизатиро надоред? Оё шумо бо яроқи ранҷонанда мусаллаҳ ҳастед? Шумо шамшератонро чӣ хел тез мекунед?

4. Чӣ хел нақшаи иблис ва гулӯлаи оташини иблис ба шумо худро нишон медиҳад?

5. Шуморо зарур аст, ки барои худ як хати ______________
Дар муҳорибаи лозимӣ шакл диҳед. Онҳое, ки шумо метавонед дӯстӣ кунед ва якҷоя дуо кунед кадомҳоянд?

ХУЛОСА
Акнун, ки шумо ин марҳиларо хондед, хулосаҳои шумо кадомҳоянд? Онҳоро дар зер нависед.

1.

2.

3.

МАРҲАЛАИ ШАШУМ (ХУДО ВА ДУО)

## ЭЗРО – ЭЪТИРОФ КАРДАНИ ГУНОҲИ ХАЛҚ

Порча аз Библия: Эзро 9:1-10:12

Оят барои аз ёд кардан: Эзро 9:15

САРСУХАН
Коҳинон дар назди Худо гуноҳи дигаронро эътироф мекунанд ва аз Худо омурзиши онҳоро талаб мекунанд. Коҳинони Исроил аввал аз гуноҳи онҳо иқрор мешаванд, хуни ҳайвони қурбоншударо тақдим мекунанд, ва пас аз ин омурзиши Худоро мегиранд. Баъд аз ин, онҳо гуноҳи дувоздаҳ сибти Исроилро эътироф мекунанд, ва барои омурзиши онҳо қурбонӣ тақдим мекунанд.

Шумо коҳини подшоҳ ҳастед. Шумо вазифаи коҳиниро ба ҷо оварда истодаед? ҳаёти ибодатии шумо чӣ хел аст? Оё шумо гуноҳҳои худро тақдим мекунед ва омурзиши Худоро мепазиред? Оё шумо дар пеши Худо барои миллат дуо мекунед?

Эзро коҳин буд. Ӯ назди Худо гуноҳҳои халқи худро эътироф менамуд. Ба василаи мисоли Эзро, ки бо ашк дар чашм барои гуноҳи халқи худ навҳа мекард ҳолати эътирофкуниро омӯзед. Ба шумо зарур аст, ки аввал гуноҳи худро эътироф кунед. Баъд, ҳамчун саркоҳин барои халқи худ ва авлодони худ омурзиши Худоро талаб намоед.

АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ПОРЧА

1. МУШКИЛИИ ОДАМОН ВА ВАЗЪИЯТИ ЭЗРО (9:1-4)

Яҳудиён барои гуноҳоятон ба Бобил ба асирӣ бурда шуданд. Одамон огоҳиҳои пайғамбарон ва Каломи Худоро инкор карданд ва ҷазои Худоро ба сари Худо оварданд. Вақте ки давраи ҷазо ба охир расид. Худо хост ба халқи худ дар Бобил файзи Худро нишон диҳад. Ӯ форсҳоро барои забти Бобил бархезонд ва форсҳо озодии яҳудиҳоро эълон карданд. Асирони яҳудӣ ба ватанашон баргаштанд, маъбад

бино карданд ва қурбонӣ тақдим карданд. Вале, онҳое ки аз Бобил ба Яҳудо баргаштанд боз гуноҳ карданд.

1) Мушкилии исроилиҳо чӣ буд (1-2)?

а. Мушкилӣ (1)

б. Сабаб (2)

1) Вазъияти Эзро ба дигарон, ки бо ӯ буданд чӣ хел буд? (3-4)

2. ДУОИ ЭЗРО (9:5-15)

1) Дар дуои Эзро гуноҳи одамон ва файзи Худо ба чашм мерасад. Дуои Эзроро мухтасар баён кунед (5-13).

2) Эътирофи охирини Эзро чӣ буд? (9:14-15)

3. ИСЛОҳОТИ ЭЗРО (10:1-12)

1) Эзро чӣ хел дуо кард, ва натиҷааш чӣ буд? (1-4)

2) Эзро миллаташро чӣ хел бозсозӣ кард? (5-12)

ТАФСИР ВА ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ

1. Чаро заношӯии байнимиллатҳо рӯй дод? Шариати Худо издивоҷи Исроилиҳо бо хориҷиён манъ мекунад. Оё ин кӯтоҳназарӣ ва миллатчигӣ нест?

2. Дар 1 Юҳанно 1:9 ваъдаи Худо дар бораи омурзиш баъди эътирофи гуноҳ омадааст. Дар асоси ин оят, баъзеҳо чунин таълим медиҳанд, ки талаб намудани омурзиши Худо ба мисли гадо ягон чизро талаб кардан аст. Дар муқоиса бо вазъияти Эзро, ки натавонист Худоро вохӯрад, чунки ӯ шармгин ва таҳқиршуда буд, ба фикри шумо вазъияти одами оқил чӣ хел аст?

3. Ҷанбаҳои иҷтимоии давраи Эзро ва ҳозираро муқоиса намоед. Одамони кадом давро аз Худо бештар метарсанд? Муносибати шумо нисбати ҷанбаҳои иҷтимоии миллататон чӣ хел бояд бошад?

4. Аввал шуморо лозим аст, ки гуноҳҳои худро эътироф кунед, ва баъд гуноҳҳои миллататонро эътироф кунед. Оиди кадом гуноҳҳо шуморо зарур аст навҳа намоед ва онҳоро эътироф намоед? Барои тавбаи фурӯтанона вақти ором ҷудо намоед.

5. Эзро гуноҳҳои халқи худро ҳамчун гуноҳҳои худ ҳисоб кард, бинобар ин ӯ барои гуноҳи онҳо навҳа кард. Гуноҳҳои халқи шумо кадомҳоянд, ки шуморо зарур аст барои онҳо навҳа намоед?

ХУЛОСА

Акнун, ки шумо ин марҳиларо хондед, хулосаҳои шумо кадомҳоянд? Онҳоро дар зер нависед.

1.

2.

3.

МАРҲАЛАИ ШАШУМ (ОМӮЗИШИ БИБЛИЯ)

**ЭЗРО – САДОҚАТ БА КАЛОМИ ХУДО**

Порча аз Библия: Эзро 7:1-28, Наҳамъё 8:1-12

Оят барои аз ёд кардан: Эзро 7:10

САРСУХАН
Нуфузи сарвари миллат дар сарнавишти миллат омили бузург аст. Вақте ки сарвари миллат хуб аст, миллат низ гул-гул мешукуфад. Вале, вақте ки сарвар ҳарису тамаъкор аст ва ӯ баояндаи миллат бепарво аст, миллат дар якҷоягӣ бо сарвари худ аз ҳам пош мехӯрад. Сарвари хуб атои Худо аст ва баракати Ӯ метавонанд тавассути сарвар ҷараён гиранд.

Дар байни онҳое, ки Худо барои сарварӣ интихоб кардааст бисёр шахсиятҳои тасодуфӣ буданд. Худо баъзеъҳоро интихоб кард, ки нисбати арзишҳои ин ҷаҳон ночиз буданд. Таҳти сарварии Шоул, ки аз тарафи халқ интихоб шуд Исроил тараққӣ накард. Довуд шахси номаълум буд, ҳатто падар ва бародаронашон ӯро эътироф накарданд. Вале, бо вуҷуди ин Худо Довудро интихоб кард. Зери роҳбарии ӯ Исроил равнақ ёфт.

Эзро табиатан худмушоҳидакунанда буд. Дар чашми аҳли ҷомеаи ҷаҳон ӯ нонамоён буд. Онҳое, ки шариатро вайрон мекунанд, ӯ барои ин онҳоро сахтгирона сарзаниш намекард. Баръакс ӯ либосҳояшро пора мекард, мӯй сар ва ришашро меканд. Вале, ӯ ба Каломи Худо содиқ монд. ӯ миллатро рӯҳан аз нав кард ва сабаби эҳёи рӯҳӣ шуд. ҳаёти Эзроро омӯзед. Худро ба Каломи Худо бахшед. Сабаби эҳёи рӯҳии миллат шавед.
АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ПОРЧА

1. ЭЗРО ДАР АСОРАТИ БОБИЛ (ЭЗРО 7:1-10)

1) Эзро кӣ буд? (1-10)

а. (1-5)

б. (6)

в. (7-9)

г. (10)

2) Одамон аз асорат ба Яҳудия баргаштанд. Кадом файзро подшоҳи Форс ба онҳо нишон дод? Эътирофи Эзро чӣ буд? (11-28)

а. (13)

б. (14-24)

в. (25-26)

г. (27-28)

2. ЭЗРО, БОЗГАШТ БА ИЕРУСАЛИМ (ЭЗРО 8:21-23, 31-32)

Фармони Эзро ба онҳое, ки мехостанд ба Иерусалим баргарданд чӣ буд? Сабабаш чӣ буд? Натиҷааш чӣ буд?

1) (21)

2) Сабаб: (22)

3) Натиҷа: (23, 31-32)

Эзро ва ҳамроҳонаш зиндаю саломат ба Иерусалим баргаштанд. Сабабаш он набуд, ки ба онҳо ҳеҷ кас муқобил набуд. Дар роҳ ба Иерусалим, душманонашон камин гирифта буданд. Лашкари подшоҳ ва савораҳо Эзроро ҳимоя накарда буданд. Танҳо бо кӯмаки Худо Эзро дар амнияти буд. Баъд аз он ки Эзро ба Иерусалим

баргашт, ӯ ба Худо қурбонӣ тақдим кард ва ӯро ҳамду сано кард. Сарварони Исроил шариати Худоро вайрон карданд ва бо миллатҳои дигар заношӯӣ карданд. Эзро гуноҳҳои халқи худро эътироф кард, ва дар ҷамъият бозсозӣ кард. ҳамаи инро ӯ тавассути дуо карда буд. ӯ одами дуо буд.

3. ЭЗРО, ҲАМКОРИ НАҲАМЪЁ (НАҲАМЪЁ 8:1-12)

Дар бораи сездаҳ соли таърихи баъди ин Библия сокит аст. Баъди сездаҳ сол, дар соли бистуми подшоҳии Артаксеркс шаҳри Иерусалим зери сарварии Эзро ба харобазор табдил ёфт. Одамон парешон ва хору зор буданд.

Кафолати амнияти одамон набуд, ҳамчунин дарвозаҳои Иерусалим оташ зада буданд, ва деворҳояш хароб шуданд (Наҳамъё 1:1-3). ҳатто ба Эзро ҳам ғайриимконпазир буд, ки халқашро аз ҳуҷуми душманон эмин кунад. Худо Наҳамъёро фиристод, ӯ дар муддати 52 рӯз деворро бино кард, ва бехатарии халқи худро таъмин кард. Нақшаи муфассал ва дақиқи ӯ, мубориза бурдан бо тамоми ҷидду ҷаҳд, табиати кушодарӯии ӯ ва таҳриккории ӯ мардумро ба содиқ будан ҳидоят мекард… ӯ сарвари омма буд. Вақте ки обрӯи Наҳамъё ба нуқтаи олӣ расонд Эзро чӣ кор кард?

1) Дар назди дарвозаи Об чӣ рӯй дод (1-8)?

а. (1)

б. Ба 5 савол ҷавоб диҳед (2-8)

а) Кӣ –

б) Кай –

в) Дар куҷо –

Г) Чӣ –

Д) Чаро –

2) Вазъияти мардум аз гиря ба шодӣ табдил ёфт. Сабаби ин чӣ буд? (9-12)

Сабабҳо:

ТАФСИР ВА ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ

1. Агар Эзро аз вазифаи баргашти худ ба Иерусалим даст мебардошт, сабабаш чӣ мебуд? Лаҳзаи ҳалкунанда дар ҳаёти Эзро чӣ буд?

2. Агар Эзро дар Иерусалим аз ноумедӣ ранҷ кашида буд, дар бораи чӣ ӯ ранҷ кашида буд? Чаро ӯ чунин ноумедиро ҳис кард?

3. Оиди муносибати Эзро ва Наҳамъё фикр кунед. Обрӯи Наҳамъё ба нуқтаи олӣ расид. Хатари ташаббуси Эзро чӣ метавон буд агар он ҷо якин буд?

4.

5. Вақте ки одамон ба Каломи Худо итоат мекунанд, ҳаёти онҳо тағйир меёбад. Бо хоҳиши Худо ҷамъият низ тағйир меёбад. ҷамъияти шумо чӣ? Чӣ хел шахс шумо бояд бошед?

ХУЛОСА

Акнун, ки шумо ин марҳиларо хондед, хулосаҳои шумо кадомҳоянд? Онҳоро дар зер нависед.

1.
2.

3.

МАРҲАЛАИ ҲАФТУМ ( ИТОАТ )

## ИТОАТИ ИЛЬЁС

Порча аз Библия : 3 Подшоҳон 16:29-18:10

Оят барои аз ёд кардан: 3 Подшоҳон 18:1

САРСУХАН

Дар байни шахсиятҳои Аҳди қадим. Мӯсо ва Ильёс намояндагоне буданд, ки пирӯзӣ ҳамеша бо онҳо буд. Мӯсо халқи Худоро аз замини Миср раҳо кард ва ба онҳо шариати Худоро дод. Ильёс яке аз пайғамбарон буд. Вақте ки Исо дар кӯҳ тағйири симо кард. Мӯсо ва Ильёс он ҷо буданд.

Ильёс пайғамбарон Худо буд вақте ки Исроил бо ибодати Баал мариз буд. Духтари аҷнабии саҷдакунандагони Баал маликаи Исроил шуд. Шоҳи Исроил низ ба саҷда кардан ба Баал пардохт. Барои шахсони одил, ки самимона ба Худо хизмат мекарданд, зинда мондан мушкил буд.

Дар чунин вақт, Худо Ильёсро даъват кард. ӯ одаме буд муқобили сифатҳои ҷаҳон буд, ва дили халқи худро ба Худо гардонд. Худо ӯро тавассути озмоишҳо бурд ва ӯро ҳамчун олот бароиислоҳот шакл дод. Тавассути кадом озмоишҳо ӯ рафт, ва ба кадом фармонҳо ӯ ба чуну чаро итоат кард?

АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ПОРЧА

1. ФАСОДИИ ИСРОИЛ ВА ОГОҳИИ ИЛЬЁС (16:29-17:1)

1) Ҳукм рондани Аҳъобро тасвир кунед (29-30).

а. (29-30)

б. (31 а)

в. (31 б – 33)

2) Огоҳии Ильёс нисбати Аҳоб чӣ буд? (17:1)

2. ОЗМОИШИ ИМОНИ ИЛЁС (17:2-24)

1) Фармони аввали Худоро гӯед. Тасвир кунед, ки чӣ тавр Ильёс ҷавоб дод, ва натиҷаҳояшро бигӯед (17:2-7)

а. Фармон: (2-4)

б. ҷавоб: (5)

в. Натиҷа: (6-7)

2) Фармони дуюми Худоро гӯед. Тасвир кунед, ки Ильёс чӣ хел ҷавоб дод, ва натиҷаҳояшро бигӯед. (17:8-16)

а. Фармон: (9)

б. ҷавоб: (10-14)

в. Натиҷа: (15-16)

3) Мухтасар бигӯед, ки дар хонаи бевазан, ки ба Илёс хизмат мекард чӣ ҳол рӯй дод. (17:17-24)

а. (17)

б. (18)

в. (19-21)

г. ( 22 )

д. (23-24)

3. НАМОЁН ШУДАНИ НУҚТАИ ОЛИИ РӮҲОНИЯТИ ИЛЬЁС (18:1-10).

Фармони охирини Худо, бо Ильёс чист? Чӣ хел Илёс ҷавоб дод? Вазъияти Исроил чӣ хел буд? (18:1-10).

1) (1)

2) (2 а)

3) (2 б –10)

ТАФСИР ВА ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ

1. Бо кадом мушкилӣ Ильёс рӯ ба рӯ шуд, вақте ки ӯ ба наҳри Карит рафт ва муддате он ҷо истод?

2. Баъд аз оне ки Илёс дар сорефот ба бевазан вохӯрд бо кадом мушкилӣ рӯ ба рӯ шуд?

3. Ҳангоме ки Ильёс ба Худо итоат кард ва дар хонаи бевазани Сорефот сокин шуд ӯ бо мушкилии ногаҳонӣ рӯ ба рӯ шуд. Ин марги писари он бевазан буд. Ӯ Илёсро сабаби марги ӯ донист. Ин ба монанди он буд, ки Илёс шикоятро ба гардан гирифт чунки ӯ ба Худо итоат мекард. Оё шумо чунин таҷрибаро аз сар гузаронед? Дар чунин ҳолат чӣ хел амал мекардед?

4. Мақсади Худо аз озмудани Ильёсчӣ буд? Муносибати шумо оиди ин озмоишҳо чӣ хел аст?

ХУЛОСА
Акнун, ки шумо ин марҳиларо хондед, хулосаҳои шумо кадомҳоянд? Онҳоро дар зер нависед.

1.

2.

3.

МАРҲАЛАИ ҲАШТУМ (ШАҲОДАТ БА ҶАҲОН)

**ШАҲОДАТИ ИСО БА ЗАНИ СОМАРӢ**

Порча аз Библия: Юҳанно 4:1-42

Оят барои аз ёд кардан: Юҳанно 4:3-4

САРСУХАН
Вақте ки Исо Яҳудоро тарк карда ба Ҷалил рафт, Ӯ аз Сомария гузашт. Яҳудиён нисбати сомариён нафрат доштанд. Онҳо натанҳо покизагии хуни худро нигоҳ надоштанд, балки ҳамчунин покизагии имони худро ба Худо гум карданд. Исо тавассути деҳае сомариён мегузошт, ки хун ва имонашон махлут шуда буд.

Исо бо зане вохӯрд, ки ӯро ҳатто ин одамон нафрат карда аз худ дур кардаанд. Ӯ хоҳиш дошт, ки ташнагии ҷисмашро шиканад, вале дар ҳақиқат ӯ рӯҳан ташна буд. Ӯ панҷ шавҳар дошт ва ҳоло бо марде зиндагӣ мекард, ки шавҳари ӯ набуд. Ӯ наметавонист кӣ бо дигарон ҳамроҳ бошад. Вақте ки ӯ мехост аз назди Исо гузарад. Исо ба ӯ имкон надод ки ӯ гузарад. Исо хост ба ин зани ғафлатзада оби ҳаёт диҳад. То ин ки ӯ дигар рӯҳаш ташна набошад.

Зани ғафлатзада бо Исо рӯ ба рӯ шуд. Ӯ ба Исо онҳоеро ки ӯро нафрат мекарданд шинос кард. Онҳо низ оби ҳаётро гирифтанд ва бинобар ин онҳо низ аз ин пас ташна нахоҳад монд. Ба мисли тухмии қоқу дар ҳаво паҳн мешавад, ба замин меафтад ва аз нав мешукуфад, ҳамчунин масеҳиён ба монанди гулҳо мешукуфанд, ки бӯи хуши Исоро ҳар куҷо, ки меравáнд бо худ мебаранд.

АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ПОРЧА

1. ГУЗАШТАИ ҲОДИСА (4:1-6)

1) Исо Яҳудияро тарк карда ба ҷалил рафт. ӯ бояд тавассути Сомария мегузашт. Ибораи "ӯро лозим буд аз Сомария гузашта равад" чӣ маънӣ дорад (3-4)?

2) Вазъияти ин ҳодисаро тасвир намоед. Кай, дар куҷо, ва дар кадом ҳолат ин ҳодиса рӯй дод? (5-6)

2. ИСО ВА ЗАНИ СОМАРӢ (4:7-30)

Исо ба зани сомарӣ гуфт, ки ӯ Масеҳ аст. Шинохти Исо аз тарафи зан оҳиста-оҳиста тағйир ёфт (9, 12, 19, 29). Кадом монеаҳоро Исо бартараф кард вақте ки ӯ худро ба зан ҳамчун Масеҳ шиносонд. Мӯҳтавои порчаро мувофиқи нақшаи зерин бигӯед, ва монеаҳоеро ки Исо бартараф кард, эътирофкунии рушдёфтаи зан, ва дарсҳоро нисбати шаҳодат ёбед.

1) (7-9)

2) (10-15)

3) (16-18)

4) (19-30)

3. ДАРСҲО БА ШОГИРДОН (4:27; 31-28)

Чун шумо мувофиқи нақшаи зер кор мекунад, мӯҳтавои онро шарҳ диҳед. Фарқият байни Исо ва шогирдонаш чист? Дарсҳоеро, ки ба инҷилшиносӣ (евангелизм) дахл доранд аз назар гузаронед.

1) (27, 31-34)

2) (35)

3) (36-38)

4. ИСО БАЙНИ СОМАРИЁН СОКИН ШУД (4:28-30, 39-42)

1) Исо чӣ кор кард? (39-41)

2) Натиҷааш чӣ буд? Исо барои одамон кӣ буд? (42)

ТАФСИР ВА ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ

1. Зани сомари панҷ бор ба шавҳар баромад. Ӯ бо марди дигар зиндагӣ мекард. Вале ин мард шавҳари ӯ набуд. Ин зан рамзи чӣ буд?

2. Шавҳари шумо, кӣ буд, ки ӯро пеш дӯст медоштед? Оё шумо шавҳаратонро дӯст медоред?

3. Сабаб чӣ буд, ки шогирдон дар шаҳодатдиҳӣ он қадар боғайрат набуданд? Агар шумо дар инҷилкунонӣ он қадар боғайрат нестед, сабабҳои шумо монанди шогирдон ҳастед?

4. Оё шумо медонед, ки каси ғафлатзада кӣ буд, вале ба Исо рӯй гардонд, ва бисёр одамонро наҷот дод? Шумо метавонед онро бо дигарон бо ҳам бинед? Рӯҳи ғафлатмонда кадом аст, ки шумо барои он ғамхорӣ кунед?

5. Ҳангоми шаҳодатдиҳӣ шумо кадом монеаҳоро аз сар гузарондед? Кадом монеаҳоро калисо бояд бартараф кунад? Чӣ хел ин монеаҳоро метавонед бартарафӣ кунед? Сомариён ва зани назди чоҳи шумо киҳо ҳастанд?

ХУЛОСА
Акнун, ки шумо ин марҳиларо хондед, хулосаҳои шумо кадомҳоянд? Онҳоро дар зер нависед.

1.

2.

3.

МАРҲАЛАИ НУҲӮМ (СИПОСГУЗОРӢ ВА ҲАМДУ САНО)

## СИПОСГУЗОРӢ БА

Порча аз Библия: Забур 138

Оят барои аз ёд кардан: Забур 138:14

САРСУХАН
Ман кистам? ҳеҷ кас маро намешиносад. ҳеҷ кас бо ман нест. Чаро ман чунин шудам? Фардо чӣ хел мешавад? Бо пурсидани ин саволҳо одамон ранҷ мекашанд.

Забурхон низ ҳангоми пурсидани ин саволҳо ранҷ мекашид, вале аз тарафи дигар, ӯ қобил буд суруди ҳамду сано ва сипосгузориро хонад. Ин аз он сабаб аст, ки ӯ дарк кард, ки ҷисми моддӣ зебогии офаридаи Худоро рӯшан мекунад, ва оянддаи ӯ аз Худои тавоно вобастагӣ дорад.

Шумо чӣ? Шумо аз проблемаҳои ҷисмонии худ ранҷ намекашед? Оё шумо оиди номуайянии ояндаатон дар ташвиш нестед? Оё шумо дар дилатон нисбати онҳое, ки ба шумо нафрат доранд дард надоред? Аз сабаби он ки ҳеҷ кас шуморо намешиносад шумо худро танҳо ҳис намекунад? Шумо хоҳиш танҳо монданро надоред, ё ин ҷаҳони ҳамаи одамонро тарк гӯед? Шумо аз хештаншиносиатон, ки шикастааст ранҷ намекашед?

Чун шумо ин марҳиларо аз худ мекунед, бигзор шумо суруди сипосгузорӣ ва ҳамду саноро хонда бифаҳмед, ки шумо офаридаи ӯ ҳастед ва хеле аҷоиб офарида шудаед.

АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ПОРЧА

Одамон бо мушкилиҳо ранҷ мекашанд. Чор мушкилии зерро аз Худо талаб кунед. Кӯшиш кунед онҳоро аз эътирофи забурхон ёбед.

1. МУШКИЛИИ ХЕШТАНШИНОСӣ (139:1-6)

Савол: Худо! Оё Ту маро медонӣ?

Эътирофи забурхон:

2. МУШКИЛИИ ТАНҲОӢ (139:7-12)

Савол: Худо! Оё Ту бо ман ҳастӣ?

Эътирофи забурхон:

1) (7)

2) (8)

3) (9-10)

4) (11-12)

3. МУШКИЛИҲОИ ХЕШТАНШИНОСИИ ҶИСМОНӢ (139:13-15)

Савол: Худо! Чаро ман чунин офарида шудам?

Эътирофи Забурхон:

1) (13)

2) (14)

3) (15)

Забурхон эътироф мекунад, ки "Туро ҳамд хоҳам гуфт, барои он ки ба таври хеле аҷиб офарида шудам" (139:14). Забурхон тани худро медид, ва ӯ пур аз тарсу ҳайронӣ буд. Ӯ дарк кард, ки ин офаридаи Худост. Ӯ пур аз тарсу ҳайронӣ буд, чунки тани ӯ кори Худо ва мавҷудияти ӯро ошкор мекард. Шумо низ метавонед, аз зебогии ҷисмонии худ фахр кунед ва Худоро ҳамд гӯед.

4. МУШКИЛИИ НОМУАЙЯНӢ (138: 16-18)

Савол: Худо! Фардои ман чӣ хоҳад буд?

Эътирофи Забурхон:

1) (16)

2) (17а)

3) (17б-18)

5. ДУОИ ЗАБУРХОН (138: 19-24)

1) Бо кадом мушкилӣ Забурхон рӯ ба рӯ шуд? (19-22)

а. (19)

б. (20)

с. (21-22)

2) Забурхон барои чӣ дуо кард? (23-24)

а. (23)

б. (24)

ТАФСИР ВА ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ

1. Оё сарнавишт ва инсони озод ақидаҳои ба ҳам мухолиф ҳастанд? Чӣ хел ин ду ақида ҳамоҳанг мешаванд?

2. Дар байни чор мушкилие, ки мо бо онҳо сару кор доштем, кадом мушкилӣ дар донишкада, ташкилоти таблиғотӣ ва калисо аз ҳама ҷиддитар аст? Ба фикри шумо сабаби ин мушкилиҳо чист?

3. Оё шумо оиди сабабҳои мазҳабӣ ягон мушкилии байнифардӣ доштед? Оё ин мушкилиҳо ба монанди рехтани хун ҷиддӣ буданд? ҳоло чӣ тавр аст? Ин проблемаҳоро чӣ хел метавонем ҳал кунем?

4. Дар байни чор мушкилие, ки мо бо онҳо сару кор доштем, бо кадом мушкилии ҷиддӣ шумо пештар рӯ ба рӯ шудед? Оё шумо мушкилиатонро ҳал кардед, чун шумо Забур 138-ро хондед? Кадом мушкилиҳоро шумо то ҳоло ҳал накардед?

ХУЛОСА
Акнун, ки шумо ин марҳиларо хондед, хулосаҳои шумо кадомҳоянд? Онҳоро дар зер нависед.

1.

2.

3.

МАРҲАЛАИ ДАҲУМ(Зиндагии қудсиёна ва Садоқат)

## САДОҚАТ- ИБОДАТИ РӮҲОНИИ ТАНИ ҶИСМОНӢ

Порча аз Библия: Румиён 12:1-21

Оят барои аз ёд кардан: Румиён 12:1-2

САРСУХАН
Дар байни одамон раванде аст, ки рӯҳониятро аз ҷисмонӣ ҷудо мекунад. Онҳо фикр мекунанд, ки чизҳои рӯҳонии тафаккур ва рӯҳ, бо ҷисм ягон алоқамандӣ надорад. Вале ин ақидаи дуалистӣ хато аст. Ибодати рӯҳонӣ танҳо бо тафаккур ва рӯҳ тақдим намешавад. Ин ибодатест, ки мо бо Худо бо ҷисмамон тақдим мекунем. Павлус имондоронро панд медиҳад, ки "ҷисмҳои худро" ҳамчун қурбонии зинда, муқаддас ва писандидаи Худо тақдим кунед: ибодати оқилонаи шумо ҳамин хоҳад буд (Румиён 12:1).

Худо одамонеро интихоб кард, ки Худоро намедонистанд, ва онҳоро ҳамчун халқи Худ қабул кард. Худо файзбахш ва меҳрубон аст. Исроилиҳо Худоро инкор карданд. Вале, бо вуҷуди ин ӯ исроилиҳоро ба Худо баргардонд. Файзи Худо барои ҳамаи одамон аст. (Румиён 11:30-32)

Ба василаи файзи Худо мо масеҳӣ шудем ва халқи ӯ шудем. Акнун, ҳаёти мо ба чӣ монанд аст? Павлус мегӯяд, ки мо бояд ҷисми худро барои тақдими қурбонии муқаддас ва зинда бахшем (Румиён 12:1). Ин ибодати рӯҳонӣ аст. Чӣ хел шумо метавонед ҷисмҳои худро ҳамчун қурбонии зинда тақдим кунед?

АЗНАЗАРГУЗАРОНИИ ПОРЧА

1. ИБОДАТИ РӮҲОНИИ АНДОМ.

1) Дар кадом асос ин аҳком дода шудааст? (1а)

2) Аҳком кадом аст? (1б – 2)

   а. (1 б)

   б. (2 а)

   с. (2 б)

Калимаи юнонӣ барои “conform” (ҳамшакл кардан) калимаҳои “якҷоя” (together) ва “шакли зоҳирӣ” (external form) мебошад. “Мувофиқ кардан маънои пайравӣ кардан аз рафторҳои зоҳирии дигарон мебошад. Рафтори зоҳирии кас ба тафаккураш таъсир мекунад. Касе, ки ба кино бисёр меравад ва он чизеро ки ӯ тамошо мекунад ба ӯ асар мекунад. Муҳим будани рафтори ҷисмониро донед. Шумо худро ба кӣ ҳамшакл кардаед? Агар шумо худро ба Исо ҳамшакл кардаед, пас мисли ӯ амал кунед.

2. САДОҚАТ БА КАЛИСО (12:3-13)

1) Оиди бахшоишҳои файз ба аъзоёни калисо кадом пандҳо дода шудаанд? (3-8)

а. (3)

б. (4-5)

в. (6-8)

2) Павлус мегӯяд, “Муҳаббати шумо бигзор бе риёкорӣ бошад; аз бадӣ нафрат кунед, ба некӣ бичаспед” (12:9). Роҳҳои часпидан ба некӣ кадомҳоянд? (12:10-13)

а. (10)

б. (11)

в. (12)

г. (13)

3. САДОҚАТ БЕРУН АЗ КАЛИСО (12:14-21)

Павлус мегӯяд, “Ба бадӣ мағлуб нашав, балки бадиро бо некӣ мағлуб кун” (21). Чӣ хел шумо бо одамони гуногун муносибат мекунед?

1) (14)

2) (15)

3) (16)

4) (17-20)

ТАФСИР ВА ХУЛОСАҲОИ УМУМӢ

1. Фармони “худро ба ин дунё ҳамшакл насозед” пеш аз фармони “ба воситаи таҷдиди ақлатон шакли тозае ба худ гиред” (12:1) омадааст. Сабаб чист? Аз кадом чизҳо бояд шумо халос шавед то ин ки худро ба ин дунё ҳамшакл насозед?

2. Чун Павлус дар бораи ҳамшаклсозӣ ба ҷаҳон сухан меронад, фармонҳо оиди ҳаёти калисо пеш аз фармонҳо оиди ин ҷаҳон омадаанд. Чаро ин чунин аст? ҳаёти шумо дар дохили калисо чӣ хел аст?

3. ҳатто дар дохили калисо низ қисматҳои элементҳои ҷаҳон ҳастанд, ки мо набояд бо онҳо ҳамшакл бошем. Онҳо кадомҳоянд?

4. Муҳаббати риёкорона дар калисо ё ташкилоти таблиғоти чӣ хел будан метавонад? Роҳҳое, ки шумо тавассути онҳо метавонед дар калисо ё ташкилоти таблиғотӣ муҳаббати бе риёкорӣ дошта бошед кадомҳоянд?

5. Дар телевизион ё рӯзнома таҷассуми ин ҷаҳон дида мешавад. Ба кадом чизҳо мо худро ҳамшакл насозем?

ХУЛОСА

Акнун, ки шумо ин марҳиларо хондед, хулосаҳои шумо кадомҳоянд? Онҳоро дар зер нависед.

1.

2.

3.

www.dardidil.com